**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 – и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**Ба рисолаи илмии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

Яке аз ҷиноятҳое, ки ба муқобили моликият равона карда шуда ва бо тасарруф алоқаманд намебошад, ин расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯистифодаи боварӣ мебошад, ки ҷавобгарии ҷиноятии он дар моддаи 253 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Дар асоси моддаи мазкур барои расонидани зарари молу мулкӣ ба молик ё дигар соҳиби молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст.

Дар заминаи таҳқиқи мазкур камбудиҳои як қатор масъалаҳои марбут ба ин категорияи ҷиноятҳоро дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла, омӯзиши масъалаҳои марбут ба объекти бевоситаи ҷиноят, предмети он, муайян кардани дараҷаи зарар ба молу мулк бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ зикр кардан зарур аст. Муаллиф дар байни судяҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пурсиш гузаронидааст, ки натиҷаи он нишон дод, ки зиёда аз се ду ҳиссаи пурсидашудагон (76%)

чунин мешуморанд, ки яке аз мушкилоти асосии бандубасти ҷиноят тибқи моддаи 253 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардани доираи кирдорҳое, ки ба ин категорияи ҷиноятҳо дохил мешаванд, мебошад.

Ҳама гуфтаҳои дар боло зикршуда интихоби мавзуи тадқиқотро муайян карданд. Таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарурати таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷинояти мазкур, инчунин таҳияи чораҳои муассир оид ба беҳтар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз бовариро тасдиқ мекунад. Ба ин муносибат, дар шароити воқеияти ҳозира муайян кардани роҳҳои дурусттари ҳалли ин масъалаҳо хеле муҳим дониста мешавад.

Мавзуи диссертатсияи Саидзода А.М. ба яке аз масъалахои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Бояд қайд кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити имрузаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро талаб мекунад. Ҳамчунин, зикр намудан ба маврид аст, баъди содибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони давлатӣ дар соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллиф ҳангоми ҷамъбасти таҳлили қонунгузории хориҷӣ чунин ҳолатҳоро қайд кардааст:

а) Дар аксарияти давлатҳои баррасишуда, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи

боварӣ ба таври муфассал ба танзим даровarда нашудааст, аммо, чун қоида, қонуни ҷиноятии кишварҳои баррасишаванда бо амалҳои таҳқиқшавандаро ба таркиби қаллобӣ тавсиф кардаанд, зеро охирин, аз рӯйи хусусиятҳои худ, ҳарду ҷиноятро фаро мегирад;

б) Танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар кишварҳои ИДМ бо якпорчагии таърихӣ ва геополитикӣ шарҳ дода мешавад, аммо фарқиятҳои ҷойдошта, дар мисоли Кодекси ҷиноятии Қирғизистон, КҶ ҶБ, хусусияти мушаххасии давлатиро дар ҳимояи молу мулк шаҳодат медиҳанд.

в) Пешниҳод карда мешавад, ки аз таҷрибаи мусбати Фаронса, Испания, Олмон, Швейтсария, Ҷопон ва Дания дар бораи қисмати қонунгузорӣ оид ба ҷилавгирии амалҳои қаллобӣ, ки дар амалияи тафтишотию судӣ ҳамчун расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ доранд, ба инобат гирифта шавад.

Муаллиф дар боби дуюми автореферати худ дар хусуси фарқи ҷинояти расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ аз дигар ҷиноятҳои ба он монанд зербоби алоҳида пешбинӣ накардасст, аз ин ру мехостем фаҳмем, ки ислоҳи ин камбуди дар матни дисертатсия ҷой дорад ё не?

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, фарогири пурраи муҳтавои рисола буда, дар он масъалаҳои

гузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан ҳаллу фасл шудаанд ва сазовори баҳои баланд аст.

Муқарриз:
Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ
ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Алиев Ф.Ш.

Имзои Алиев Ф.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсусӣ
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.
«25» апрел 2024 сол

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кучаи Деҳоти 1/2 Тел: (+992 237) 234-83-46. E-mail: tguk@mail.ru www.tguk.tj